**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна дар мавзӯи “Имконоти педагогии рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01– педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.**

**Муҳимияти мавзӯи таҳқиқшаванда.** Дар марҳалаи имрӯзаи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ ба бачагоне, ки аз ҳамсолон пеш рафта, дорои нишонаҳои зеҳни нодир мебошанд, вазифаи муҳимтарини муассисаҳои таълимист. Вобаста ба ин, муаммои лаёқатмандӣ имрӯз дар низоми таҳсилоти ҷумҳурӣ торафт мубрам мегардад. Ин пеш аз ҳама, бо эҳтиёҷ доштани ҷомеа ба шахсияти эҷодкори нотакрор алоқаманд аст. Инкишофи низоми кор бо хонандагони лаёқатманд яке аз вазифаҳои асосии илми муосири педагогика ва амалияи таҳсилот дар шароити такмили низс и таҳсилоти ҷумҳурӣ ба шумор меравад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна ба муаммои рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Имрӯз муассисаи таълимиро зарур аст, ки инкишофи созгори низоми амалиёти таълимии умумиро дар таркиби амалҳои шахсиятӣ, танзимкунанда, маърифатӣ ва коммуникативии бачагони боистеъдод ва лаёқатманд таъмин намояд. Ҳамчунин, муҳити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд ба талаботи бачагони лаёқатманд нисбат ба таҳсил аз ҳисоби интихоб ва истифодаи методҳои мувофиқтарини рефлексивии таълим, тарбия, инкишоф; дастгирии психологию педагогӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоии хонандагон; соҳа, сатҳ ва навъи озодонаи кори эҷодӣ мутобиқ гардонида шавад. Чунин дидгоҳро матлабҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” асоснок намуда, ҷиҳати рушди маънавиёти таълимгирандагон омӯзгоронро ӯҳдадор намудааст, ки қобилияти зеҳнӣ, илмӣ, таҳқиқотӣ, ихтироъкории таълимгирандагонро муайян намуда, нисбат ба онҳо ғамхорӣ кунанд ва

барои рушди камолоти онҳо шароит фароҳам оваранд.

Дар мубрам будани таҳқиқоти диссертатсионии Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна ягон тардиде нест, зеро дар рисола бори нахуст муаммои рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардида, методҳои тадриси он бо мисолҳо ва далелҳои илмию методӣ собит гардидааст.

Таҳқиқгар бамаврид қайд намудааст, ки мубрамии муаммои инкишофи бачагони лаёқатманд дар замони мо аз он ҷиҳат афзун мегардад, ки низоми амалкунандаи кор бо бачагони лаёқатманд дар шароити нави иҷтимоию иқтисодӣ ба такмил ниёз дорад. Бачагон қобилияти потенсиалие доранд, ки на ҳамеша дар таълим метавонанд истифода шаванд, зеро стандартҳои давлатии таҳсилот барои хонандаи сатҳаш миёна пешбинӣ гардидаанд, омӯзгорон барои кор бо бачагони хурдсоли лаёқатманд омодагии кофӣ надоранд. Сабаб дар он аст, ки барои муайянкунии сатҳи инкишофи лаёқатмандии хонандагон ва инкишоф додани он методикаҳои мувофиқ вуҷуд надоранд, шароити педагогии инкишофи бомуваффақияти лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ошкор нагардидаанд.

Шарти муҳими бартарафсозии ин гуна муаммоҳо пеш аз ҳама, коркарди тадқиқоти илмӣ - методӣ оид ба муайянкунии ҷиҳатҳои моҳиятии бачагони лаёқатманд ва ошкор намудани шаклу методҳои такмилёфтаи кор бо бачагони лаёқатманди дар муассисаҳои таҳсилоти имрӯза таълимгиранда, маҳсуб меёбад. Чун, мақсади таҳқиқот асосноккунии назариявӣ ва тариқи озмоиш санҷидани имконияти педагогии рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мебошад.

Қайд намудан ҷоиз аст, ки тадқиқоти Ҳошимова Г.Г. падидаи навест, ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз ҷониби таҳқиқгар таҳлили адабиёти фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ доир ба лаёқатмандии мактаббачагони хурдсол, анҷом дода шудааст ва моҳияти мафҳуми «лаёқатмандӣ» аз ҷиҳати назариявӣ таҳқиқ карда шуда, ҷиҳатҳои хоси он муайян гардиданд. Дар заминаи назарияи мазкур амсилаи кӯдаки лаёқатманд сохта шудааст.

Дар диссертатсия зарурати ташхиси саривақтии хонандагони хурдсол дар раванди педагогии мактаб исбот карда шуда, натиҷаҳои озмоиши тасдиққунанда андешаеро оид ба он, ки дар мактабҳо бачагони лаёқатманд таҳсил мекунанд, тасдиқ намуданд. Дар ин маврид таҳқиқгар дуруст зикр менамояд, ки кор набояд танҳо бо дарёфти лаёқатмандон маҳдуд гардад, яъне на танҳо сари вақт ошкор намудан, балки инкишоф додани қобилияти хонандагони хурдсол низ муҳим аст.

Асоси методологии таҳқиқотро матлабҳои фалсафӣ дар бораи ҳамбастагии падидаҳои педагогӣ; таълимот оид ба табиати фаъолиятмандонаи шахсият ва моҳияти иҷтимоии он; мантиқи диалектикии омӯзиши муаммо дар ҳаракати он; дидгоҳҳои ба шахсият нигаронида, гносеологӣ, стохастикӣ; ҳамчунин назарияи шахсият, таҳқиқоти консептуалии назария ва амалияи таҳсилот, таълифоти бунёдӣ дар соҳаи амсиласозии падидаҳои педагогӣ ташкил медиҳанд.

Асоси назариявии таҳқиқотро ғояҳои пешбари инкишофи шахсият; ғояҳои хусусияти эҷодӣ ва интерактивии фаъолияти субъект дар сохтори навъҳои гуногуни таълим; назария, методология ва амалияи дидгоҳи салоҳиятнокӣ дар таҳсилот; назария ва методикаи идоракунии таҳсилот; консепсияи ташаккули омодагӣ ба фаъолияти касбӣ ташкил додаанд.

Боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқоти иҷрошуда бо асосҳои назариявии таҳқиқоти бунёдии фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ, истифодаи маҷмӯи ба ҳам алоқаманди методҳои назариявӣ ва амалии ба предмет ва вазифаҳои таҳқиқот асосёфта ифода ёфтааст, бо методологияи илмӣ, низоми методҳо, ки ҳамдигарро пурра мекунанд, бо мувофиқати интихоб ба тавсифҳо, санҷидани методикаҳои озмоишӣ дар амалияи кори муассисаҳои таҳсилотӣ,

коркарди математикии маълумоти эмпирикӣ таъмин ва ҳамчунин санҷишҳои бевосита гузаронидаву натиҷаҳо ҳосил гардидаанд.

Саҳеҳият ва натоиҷи бадастомадаро усулҳои гуногуни таълим, корбурди методҳои ба мақсад, объект, мавзӯъ ва вазифаҳои пажӯҳиш мувофиқ буда ва амсоли инҳо таъмин кардаанд. Эътибормокии натиҷаҳои таҳқиқ ва хулосаҳои асосии дар рисола бадастомада бо бархӯрди методологӣ ҳинни асосноккунии мавқеъҳои назариявӣ, мушоҳидаҳо ва таҷрибаи шахсии кори муаллиф дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва натоиҷи кори озмоишӣ-таҷрибавӣ тасвиб мегардад.

Басанда будани таҷрибаву озмоиши зиёд, тадбиқи методҳои мухталиф ҷиҳати пешбурди таҳқиқ, моҳияти оморӣ доштани натиҷаҳои таҷрибавӣ бо дарназардошти таҳияи микдорию сифатии онҳо, ба сифати объекти таҳқиқ хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ интихоб шудаанд.

Дар таҳкиқоти Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна як қатор ҷанбаъҳоеро муқаррар намудан ҷоиз аст, ки аз лиҳози илмиву амалӣ ҷолиб буда, онҳоро навгонии кори диссертатсионӣ шуморидан мумкин аст:

1. Нақшаи мавзӯи омӯзишии курси махсуси «Методҳои корбарӣ бо бачагони лаёқатманди синфҳои ибтидоӣ» мураттаб карда шуда, мундариҷаи он коркард гардидааст, ки хусусиятҳои корро бо хонандагони лаёқатманди синфҳои ибтидоӣ ошкор менамояд.
2. Тавсия дода шудааст, ки дар ҷумҳурӣ марказҳои рушди барвақти кӯдак вобаста ба нишондиҳандаҳои лаёқатмандӣ барои кудакони 4-5 сола ташкил карда шавад.
3. Тасдиқ карда шудааст, ки нишондиҳандаҳои лаёқатмандӣ дар ҳамаи кӯдакон дар сатҳи гуногун дида мешавад ва омӯзгорон имконият доранд, ки дар шароити имрӯзаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассуди интихоби дуруст ва истифодаи методҳои мувофиқу самараноки таълим лаёқатмандии хонандагони хурдсолро рушд диҳанд.

4. Тавсия дода шудааст, ки бо мақсади муайян кардани сатҳи инкишофи лаёқатмандии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташхиси ибтидоии хонандагон ҷорӣ карда шавад. Инчунин, бо волидайни хонандагони хурдсоли лаёқатманд дар шакли лексияҳои мавзӯӣ, суҳбатҳои инфиродӣ ва машваратҳо кори бонизом ба роҳ монда шавад.

**Навгонии илмии тадқиқот, натиҷаҳои ба дастомада, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд.**

Таҳқиқоти илмии анҷомёфтаро ҳамчун коркарди аз ҷиҳати илмӣ асоснок, ки ҳалли масъалаҳои муҳимро дар соҳаи илми педагогӣ таъмин мекунанд, тавсиф намудан мумкин аст. Рафти таҳқиқот, натичаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки муаррифӣ гардидаанд, асоснок мебошанд.

**Баҳогузории ягонагии дохилии натиҷаҳои ба дастомада.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна бо мукаммалӣ ва баёни консептуалии мавод имтиёз дошта, дорои низоми дақиқ муқарраршудаи мафҳумҳои махсус мебошад, ки бо рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ алоқаманданд.

Ягонагии дохилӣ ва самтгирии натиҷаҳои ҳосилшуда барои ҳаллу коркарди масъалаи таҳқиқшаванда бо сохти дақиқи дастгоҳи илмӣ, пайдарпайӣ ва мантиқи дохилии иҷрои марҳалаҳои кор, ҳамчунин бо маҷмӯи методҳои таҳқиқоти илмии педагогӣ, ки муаллиф дар зинаҳои гуногуни таҳқиқот истифода намудааст, таъмин мегардад.

Мундариҷаи диссертатсия, хулосаи бобҳо имкон медиҳанд, то тасдиқ шавад, ки муаллиф ба ҳадафи тадқиқот ноил гардидааст ва фарзияи он ҳалли мусбат ёфтааст.

**Эрод ва камбудиҳо.**

Дар баробари дастовардҳои илмӣ дар кори диссертатсионӣ норасоиҳои ҷудогона ба назар мерасанд, ки дар шакли нуктаҳое, ки тавзеҳу мушаххасгардониро тақозо менамоянд, ифода ёфтаанд:

1. Дар рисола дар мавриди тавсиф додани таҷрибаҳои пешқадами омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотии кишварҳои хориҷӣ мазмуни рисоларо боз ҳам ғанитар мегардонид.

2. Хуб мешуд, агар дар рисола баъзе тавсияхои илмӣ оиди омодагии омӯзгорони оянда дар макотибҳои олии омӯзгорӣ барои ташаккули қобилиятҳои лаёқатмандии хонандагон дода мешуданд.
3. Дар диссертатсия баъзе хатоҳои имлоӣ ва услубӣ, ҳамчунин носаҳеҳии мантиқӣ зимни баёни баъзе ғояҳо ба назар мерасад.

Аммо норасоиҳои зикршуда арзишу сифати таҳқиқотро кам намекунанд, ба натиҷаҳои асосии назаривию амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмӯъ, унвонҷӯй вазифаҳои таҳқиқотро иҷро кардааст, хулосаҳо дар доираи вазифаҳо далелноку боварибахшанд, мундариҷаи кор бомантиқ ифода ёфта, муаллиф аз услуби илмӣ бархурдор мебошад.

Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар автореферат ва интишороти унвонҷӯй пурра ифода ёфтаанд.

Диссертатсия кори анҷомёфтаи илмию тахассусӣ дар мавзӯи мубрам мебошад. Натиҷаҳои нави илмӣ, ки диссертант ба даст овардааст, барои илм ва амалияи педагогӣ дар шароити навсозии таҳсилот дар ҷумҳурӣ аҳамияти назаррас доранд. Хулосаву тавсияҳои диссертант ба таври кофӣ асоснок мебошанд.

Кори диссертатсионии Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна дар мавзӯи "Имконоти педагогии рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба талаботи меъёрҳои бандҳои 10,11,12,14 ва 16-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)» нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯй буда, муаллифи он – Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси

13.00.01. – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:** доктори илмҳои педагогӣ,
профессор, ноиби Президенти
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон                Каримова Ирина Холовна

26.08.2021с.

Маълумот барои тамос: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, к.С.Айнӣ 126.     E-mail: gumanizm@mail.ru

*Имзои И.Х. Каримоваро тасдиқ менамоям.*

*Сардори РК АТТ*                *Саидова М.С.*